КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ФАРМОИШ**

аз «7» ноябри соли 2019 № 225/дн ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ ба Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ, бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ ба Таваров Дилшодҷон Саидмуродович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсатшиносӣ баъд аз шаш моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.
5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2019, протколи №9.

Раис А.Розиқзода